# ФАРМОИШИ
# САРДОРИ САРРАЁСАТИ МАОРИФИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ

аз «09» 02 соли 2022, №21/5

Дар бораи масъул гардонидани корманд оид ба татбиқи «Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» дар соли 2022

Бо мақсади иҷрои талаботи банди 2-и Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, мутобиқи банди 3 Низомномаи Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе (қарори Раиси шаҳри Душанбе аз 08.06.2021, №341) **ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Шуъбаи банақшагирӣ, ояндабинӣ, таҳияю иҷрои буҷет ва таъминоти моддӣ-техникии Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе вазифадор карда шавад:
   - иҷрои саривақтии Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025” дар соли 2022 таъмин намояд;
   - мутахассиси пешбари шуъба Раҳмонов М. масъули назорати татбиқи Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025” дар соли 2022 таъин карда шавад.
2. Шахси масъул вазифадор карда шавад, ки вобаста ба иҷрои талаботи Нақшаи чорабиниҳои Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе оид ба амалисозии Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025” дар соли 2022 ҳар семоҳа ҳисобот пешниҳод намояд.
3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи мудири шуъбаи Шуъбаи банақшагирӣ, ояндабинӣ, таҳияю иҷрои буҷет ва таъминоти моддӣ-техникии Сарраёсати маориф Каримов А. вогузор карда шавад.

Сардор Исмоилзода Б.